# Х У Л О С А И

**комисссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Бахетгули Айтмайти (BAIHETIGUI AIMATI) дар мавзуи «Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD доктор аз руйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Диссертатсияи Бахетгули Аймайти (BAIHETIGUI AIMATI) дар мавзуи «Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» ба пажуҳиши маънои консептуалии вожаи «шодӣ» дар муқоисаи ду забон, яъне забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бахшида шудааст. Мавзуи интихобшуда дар доираи самтҳои гуногуни забоншиносии муосир – шинохтӣ (когинитвӣ), фарҳангӣ, қавмӣ метавонад мавриди омӯзиш қарор гирад. Аммо дар таҳқиқоти мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба пажуҳиши олами ботинии инсон, ҳамчун соҳиби фарҳанги муайян дар доираи парадигмаи инсонмеҳварӣ равона гардидааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302- Забоншиносии муқоисавӣ таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

Дар рисола муаллиф мафҳуми «шодӣ»-ро аз призмаи ҷаҳонбинии Шарқ, ки тавассути зарбулмасалу мақол, афоризм ва ибораҳои рехта оварда шудаанд, баррасӣ намудаем. Аз ин лиҳоз, дар доираи фарҳанги Шарқ ва бо мурури замон баррасӣ кардани ин масъаларо бамаврид ва мубрам мешуморем. Ин матлабро бо он шарҳ додан мебояд, ки агар вожаи шодиро дар асарҳои бадеӣ, шеърҳо, зарбулмасалу ибораҳои рехта дар муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ таҳқиқ намоем, маълум шуд, ки дар ҳар ду халқият фарқияту монандӣ ошкор мегардад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мазкур барои корҳои пажуҳишии минбаъда дар соҳаҳои забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) ва забоншиносии фарҳангӣ метавонад мусоидат кунад. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии ин самт метавонанд истифода шаванд ва ҳамчун асос ва замина барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмию назариявии ин самтҳои забоншиносӣ ва забоншиносии муқоисавӣ хидмат намоянд.

Хусусиятҳои миллию фарҳангии консепти «шодӣ» ба ҳалли масъалаҳо барои зоҳир намудани қонунияти умумӣ ва хусусиятҳои хоси забонҳо дар соҳаи вожашиносӣ мусоидат мекунанд. Чунин амал барои ҳал намудани як

қатор масъалаҳои назариявии забоншиносӣ метавонад кумак расонад. ҳангоми таҳияи барномаҳо ва коркарди масъалаҳое, ки бо таҳқиқоти когнитивию фарҳангии воҳидҳои забонӣ алоқамананданд, зоҳир мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, дар раванди таълими забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ), фарҳангӣ, қавмӣ, луғатшиносӣ ва фразеология, забоншиносии муқоисавӣ инчунин барои гузаронидани семинарҳо ва курсҳои махсус аз фанни забоншиносии муқоисавӣ, забоншиносии умумӣ, забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ истифода бурда шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди таълим дар мактабҳои олии равияи филологӣ ҳангоми гузаронидани курсҳои махсус, семинарҳо ва дар лексияҳо метавон истифода кард.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нигоҳи илмӣ арзишманд буда, барои рушди забоншиносии мусоири тоҷик дар самти муқоисаи забонҳо замина гузошта метавонад.

Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои таҳризшавандаи Комиссияи олии аттетстаисонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Бахтигули Айтматӣ истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Диссертатсия аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замима таркиб ёфтааст, ки ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводди илмӣ *(фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)*» ҷавобгӯ мебошад.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро

таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки масъалаи мазкур бо таҳлилу баррасии назариявӣ ва қиёсу муқобилаи илмӣ таъмин буда, бар асоси нуктаҳои мушаххаси методологӣ, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаи таҳқиқ бунёд ёфтааст.

Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи **Бахетгули Аймайти (BAIHETIGUI AIMATI)** дар мавзуи **«Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи **Бахетгули Аймайти (BAIHETIGUI AIMATI)** дар мавзуи **«Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Бахетгули Аймайти (BAIHETIGUI AIMATI) дар мавзуи «Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ). мувофиқ мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ

**пешниҳод менамояд:**

- **Баротзода Файзиддин Камолиддин** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

- **Маҳмудова Фарангис Сирожидиновна** - номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи лингвистикаи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. таъин карда шавад.

Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

3. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ**:
доктори илмҳои филологӣ,
аъзои шурои диссертатсионӣ Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессор аъзои
шурои диссертатсионӣ Каримов Шухрат Бозорович

номзади илмҳои филологӣ, Джамирова Леммара Иосифовна
дотсент, аъзои
шурои диссертатсионӣ

«07» июли соли 2025

Имзоҳои М.Т.Ҷабборова, Ш.Б. Каримов,
ва Л.И.Джамироваро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода».
Тел.: (+992) 372325000, Факс: (+992) 372325003,Сомона: www.dbz.tj